## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод гардидааст

Барои идоракунии самараноки онтогенез ва ҳосилхезии зироатҳои кишоварзӣ ба истифодаи биорегуляторҳо таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, ки равандҳои рушду инкишофи растаниро фаъол месозанд ва мутобиқшавии организми растаниро ба шароити стрессӣ беҳтар мекунанд. Дар солҳои охир самти нав — истифодаи биопрепаратҳо ва танзимгарҳои рушди экологӣ бехатар аҳамияти махсус пайдо кардааст, ки тавассути ҳавасмандсозии рушд ва баланд бардоштани устувории растаниҳо ба омилҳои стресси абиотикӣ ва биотикӣ, ҳосилнокиро зиёд намуда, сабзиш ва решарасониро тезонида, ба бисёр равандҳои дигар низ таъсир мерасонанд.

Танзимгарҳои рушди растаниҳо бо доштани доираи васеи таъсир метавонанд ба коҳиши назарраси истифодаи воситаҳои ҳимояи растаниҳо аз бемориҳо мусоидат кунанд. Дар айни замон, маҷмуи васеи моддаҳои фаъолкунандаи рушд мавҷуд аст, ки таъсири онҳо аз омилҳои гуногун вобаста мебошад, аммо таъсири ҳамаашон ба гандуми тирамоҳӣ (озимӣ) хуб омӯхта нашудааст. Ҳамзамон, масъалаи ҷанбаҳои физиологию биохимиявии устувории зироатҳои ғалладонагӣ ба намудҳои гуногуни танзимгарҳои рушд ва хусусиятҳои хоси таъсири танзимгари рушд ба равандҳои физиологию биохимиявии гандум ниёз ба бознигарӣ дорад. Аз ин рӯ, мавзуи интихоб намудаи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» хело актуалӣ мебошад.

Мақсади асосии диссертатсияи мазкур таҳқиқи фаъолнокии биологии ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин, таъсири онҳо ба равандҳои химиявию реаксияҳои физиологӣ ва ошкоркунии хусусиятҳои стимуляторӣ ва ингибитории онҳо дар марҳилаҳои ибтидоии онтогенизи растании гандум мебошад. Барои расидан ба мақсади хеш якчанд вазифаҳо дар назди худ монда буд, ки диссертант аз уҳдаи онҳо баромадааст.

Предмети таҳқиқи рисола ин омӯзиш ва таъсири ҳосилаҳои глесерин ба афзоиш ва энергияи тухмиҳои гандуми навъҳои «Наврӯз» ва «Ватан» мебошад.

Дар раванди таҳқиқ рисоланавис муайян кардааст, ки таъсири афзоишидоракунандагии моддаҳои таҳқиқшуда на танҳо аз консентратсияи онҳо, балки аз мавҷудияти аминокислотаҳои алифатӣ, ароматӣ ва гетеросиклии таркиби глитсерин низ вобаста аст. Инчунин, муайян кардааст, ки таъсири маводи ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин сабаби зуд неш задани тухмиҳо мегардад. Дар ин раванд, хусусиятҳои стимуляторӣ ва ингибитории ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин ба энергияи сабзиш ва қобилияти сабзиши тухмиҳо низ ошкор карда шудааст. Муҳақиқ дар таҳқиқи хеш пигментҳои фотосинтетикӣ дар майсаҳои гандум баъд аз коркарди тухмӣ бо ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин муайян кард ва механизми таъсири ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин ба равандҳои биохимиявии тухмиҳо муайян гардид ва ошкор намуд, ки онҳо радикалҳои озод надошта тағйиротҳои дар сатҳи генетикӣ, ва хусусиятҳои сохтории онҳо зоҳир намегардад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар кори диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти васеъи химиявӣ – биохимиявӣ ва морфофизиологӣ, як қатор масъалаҳои асосии илмӣ дар биохимия ва физиологияи растаниҳо, ки аҳаммияти кишоварзӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Равиши методологии дар кори диссертатсионӣ татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии дар асоси он бадаст овардашуда, имкон додааст, ки дар бораи самаранокии истифодаи методи нави химиявӣ-биохимиявии коркарди тухмиҳои гандуми навъи «Наврӯз» ва «Ватан» бо мақсади беҳдошти нашъунамо, ҳифзи ниҳолҳо аз омилҳои берунӣ, инчунин беҳтар кардани қадкашӣ ва инкишофи растаниҳо, ҳам дар вақти нашъунамо ва ҳам дар тамоми раванди рушд ба роҳ монда шавад.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар биологияю химия, биохимия ва физиологияи растаниҳо, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба афзоиш ва инкишофи растаниҳо дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд, ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии

глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Дотсенти кафедраи геоэкологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои биологӣ Раҳимзода Маҳмаднаврӯз Мурод

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи Авесто 27,
ҳуҷраи 212, Тел. +992) 938797850.
E-mail: navruzzbg@mail.ru

Имзо, вазифа ва дараҷаи илмии
Раҳимзода Маҳмаднаврӯз Муродро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Рудакӣ,121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи геоэкология.
Сомонаи расмӣ: www. tgpu.tj.
Тел. +992 (37) 2241383

“22” 08 соли 2025